**Санкт-Петербург:** 8 (812) 576-20-19, 8 (812) 576-18-36, 8 (812) 576-18-76, 576-18-74.

**Ленинградская область:** 8 (812) 611-44-90

Дар ҳолати поймол кардани ҳуқуқи кӯдак ба ин ҷо муроҷиат кунед **Уполномоченному по правам ребёнка**:

**Уполномоченный по правам ребенка в РФ** - deti.gov.ru

**Москва:** ombudsman.mos.ru, 8 (495) 957-05-85

**Московская область:** detimo.mosreg.ru , 8 (498) 602-32-07

**Санкт-Петербург:** spbdeti.org , 8(812) 576-70-00

**Ленинградская область:** 47deti.ru , 8 (812) 400-36-49

## ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

**Санкт-Петербург:**

**АНО «Дети Петербурга»:** detipeterburga.ru, +7 911 773-77-87 (омӯхтани забони русӣ, кӣмак кардан дар мактаб ва мутобиқ кардани кӣдакон)

**БФ «ПСП-фонд»:** psp-f.org, 8 (812) 337-57-85, 8 (953) 141-31-09 (машваратдиҳӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ)

**Москва и Московская область:**

**«Такие же дети»**: kidsarekids-center.com (омӣхтани забони русӣ, кӣмак дар мутобиққунии кӣдакон)

Комитет «Гражданское содействие»: refugee.ru 8 (495) 681-18-23 (машваратдиҳӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ)

## ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Республика Узбекистан**

**Ташкентский городской социально-информационный центр «Истикболли Авлод»**

100015,Республика Узбекистан, город Ташкент, Мирабадский район, ул. Катта Миробод, 4-ый проезд, д. 22

Тел/факс: +998 71 254-12-87

Горячая линия: +998 95 143-94-94

Наманган: +99895 301 94 94

Ургенч: +99899 509 94 94

Нукус: +99895 605 94 94

Ташкент: +99895 143 94 94

iatashkent2014@gmail.com

Сайт: http://ia.uz/

**Республика Таджикистан**

**ОО «Центр по правам человека»**

Главный офис

734000, Республика Таджикистан

г. Душанбе ул. Валамадзаде 8/1, кв.30

+992 37 227-51-87, +992 918 67-96-06

Приемная юриста: +992 93 300 13 93

Сайт: www.muhojir.info

Чат в Viber: muhojir.info

E-mail: hrc.tajikistan@gmail.com

**ОО «Гамхори»**

Республика Таджикистан, Хатлонская область,

г. Курган-Тюбе, ул. Космонавтов, 42/46.

+992 918 88-61-88

E-mail: bahodur9166@mail.ru

**Кыргызская Республика**

**ОО «Ресурсный центр для пожилых»**

Бишкек: +996 770 89-18-06

kyrgyzstan.rce@gmail.com

**Местные Общественные Советы по вопросам миграции (МОС) в КР:**

1. Иссык-Кульская область, г. Каракол, ул. Ленина 152

+996 778 013216; +996 704 013216

2. Таласская область, г. Талас, ул. Бердике Баатыра дом 198 кв.5

+996 556 600 295

3. Джалал-Абадская область, с. Багыш ул.Гагарина 60

+996 552 663122; + 996 772 663122

**ОФ «Центр Содействия Международной Защите»**

Кыргызская Республика, г. Ош, ул. Мичурина 9.

+996 3222 44-9-60, +996 3222 44-0-69

center.sip@gmail.com

Сайт: www.csip.kg

**Маслиҳатҳо оид ба мутобиқшавӣ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ, робитаҳои муфид: migrussia.ru**

Медицинская помощь. Образование детей (на таджикском языке)

Буклет разработан БФ «ПСП-фонд»

Авторы-составители: Якимов А.Н., Ефимова О.Б.

Тираж: 2000 экз.

Публикация подготовлена в рамках проекта «Развитие сотрудничества некоммерческих организаций России и Средней Азии, направленного на адаптацию и интегрирование мигрантов в правовое и культурное поле Российской Федерации», реализуемого с использованием гранта Президента Российской Федерации на развитие гражданского общества, предоставленного Фондом президентских грантов.

ФОНД ПРЕЗИДЕНТСКИХ ГРАНТОВ

БФ «ПСП-ФОНД»

# Ёрии тиббӣ

# Таҳсили фарзандон

## Ба ёрии муҳоҷири меҳнатӣ

2019

# ЁРИИ ТИББӢ

**Шаҳрвандони хориҷӣ бояд ҳатман полиси суғуртаи тиббӣ дошта бошанд! Агар Шумо полис надошта бошед – Шуморо метавонанд аз сарҳад нагузаронанд, ҷарима банданд, ё ҳатто аз Россия берун (депорт) кунанд!**

Полиси тиббӣ ду намуд мешавад:
- ОМС (обязательного медицинского страхования) – СҲТ (суғуртаи ҳатмии тиббӣ).
- ДМС (добровольного медицинского страхования) – СИТ (суғуртаи ихтиёрии тиббӣ).

## ДМС (СИТ)

Полиси ДМС (СИТ)-ро дар идораҳои ширкатҳои суғурта инчунин дар шуъбаҳои «Почта России» («Почтаи Россия») метавон гирифт.

Нархи ДМС аз миқдори хизматрасониҳои тиббие вобаста аст, ки Шумо онҳоро гирифтан мехоҳед. Ин масъалаҳоро ҳамон лаҳзаи гирифтани полис ҳал кардан даркор аст.

**Агар зан ҳангоми ҳомиладорӣ ва таваллуд аз хизматрасонии тиббии нақшавӣ баҳравар шудан хоҳад, ҳатман ин масъаларо дар вақти сабти полиси ДМС (СИТ) бояд баён кунад, зеро ин ба барномаи махсуси суғурта дохил мешавад.**

Барои сабти полиси ДМС (СИТ) ин ҳуҷҷатҳо зарур мебошанд:
- шиноснома бо тасдиқи нотариалии тарҷумаи он ба забони русӣ;
- корти муҳоҷират;
- қайди сабт (маълумот дар бораи сабт дар баҳисобгирии муҳоҷират).

Полиси ДМС (СИТ)-ро метавонад корфармои шумо (аммо вазифадор нест!) дастрас кунад.

## ОМС (СҲТ)

Шумо метавонед полиси ОМС гиред, агар:
- шаҳрванди давлатҳои аъзои ЕАЭС бошед ва мувофиқи шартномаи меҳнатӣ кор кунед.

Ё чунин ҳуҷҷатҳо дошта бошед:
- разрешение на временное проживание (РВП) – ИИМ (иҷозати истиқомати муваққатӣ);
- вид на жительство (ВНЖ) - ИБИ (иҷозат барои истиқомат);
- шаҳодатномаи пешниҳоди паноҳгоҳи муваққатӣ;
- шаҳодатномаи гуреза.

Барои гирифтани полиси ОМС ба поликлиника (дармонгоҳ)-и ҷойи қайд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кардан зарур аст:
- шиноснома (бо тасдиқи нотариалии тарҷумаи он ба забони русӣ);
- СНИЛС (страховой номер индивидуального лицевого счёта) – РСҲШИ (рақами суғуртавии ҳисоби шахсии инфиродӣ), ки онро аз Пенсионный фонд – Фонди нафақа ё Многофункциональных центрах (МФЦ) - МБҶ (марказҳои бисёрҷабҳа) гирифтан мумкин аст;
- шартномаи меҳнатӣ;
- корти муҳоҷирӣ;
- сабти қайд (қайди ба ҳисоби муҳоҷирӣ гирифтан, регистратсия).

**Аъзои оилаи шаҳрванди ЕАЭС, ки шартномаи меҳнатии худро надоранд, ҳуқуқи гирифтани ОМС надоранд ва бояд полиси ДМС гиранд.**

## ЁРИИ ТАЪҶИЛИИ ТИББӢ

**Дар Россия расондани ёрии таъҷилии тиббӣ БЕПУЛ аст! Ҳатто агар Шумо полиси тиббӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо надошта бошед ҳам бояд ҳатман ёрии таъҷилии тиббӣ расонанд.**

Дар кадом ҳолат ёрии таъҷилиро даъват кардан зарур аст:
- қатъ шудани нафаскашӣ;
- беҳушӣ;
- ҳангоми ҳодисаҳои нохуш (садамаҳои наклиёт, афтодан аз баландӣ ва ғайра);
- ҳангоми дарди шадид, дарди шикам ё дигар таъсироти ҳомиладорӣ;
- ҳангоми осебҳои шадид;
- ҳангоми заҳролудшавӣ;
- ҳангоми дарди сахт ва нагузарандаи шикам;
- ҳангоми таби баланд (баландтар аз 38,5);
- ҳангоми хунравӣ.

**Телефонҳои ёрии таъҷилӣ – 112 ё 103 аз телефони мобилӣ даъват кардан мумкин аст (ҳатто он маблағи кофӣ надошта ё хизматрасонияш қатъ шуда бошад).**

Барои гирифтани маълумот дар бораи беморone, ки ёрии таъҷилӣ бурдааст, ба бюрои сабти ҳодисаҳои нохуш занг занед: дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград - 8 (812) 573-66-66, 8 (812) 573-66-63; дар Москва ва вилояти Москва - 8(495) 688-22-52.

Агар ёрии таъҷилӣ ба даъвати Шумо омадан нахоҳад ё табобати Шуморо рад кунад, ба телефони шикоятҳо оид ба кори ёрии таъҷилӣ занг занед: 8 (812) 571-45-04 (Санкт-Петербург); 8 (812) 456-11-33 (вилояти Ленинград); 8 (495) 777-77-77, 8 (499) 251-83-00 (Москва); 8 (495) 562-35-35 (вилояти Москва).

## РОБИТАҲОИ МУФИД

Дар сурати мушкилоти дастрасии ёрии тиббӣ занг занед:
- ба телефони доғи Вазорати ҳифзи тандурустӣ (Министерства здравоохранения): 8 800 200-03-89
- ба Комитет по здравоохранению Санкт-Петербурга: 8 (812) 595-89-79, 8 (812) 571-09-06
- ба Комитет по здравоохранению Ленинградской области: 8 (812) 611-45-45
- ба Департамент здравоохранения Москвы: 8 (495) 777-77-77
- ба Министерство здравоохранения Московской области: 8 (498) 602-03-01

# ТАҲСИЛОТИ ФАРЗАНДОНИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ДАР РОССИЯ

**Фарзандони шаҳрвандони хориҷӣ ҳуқуқи бепул ба кӯдакистон ё мактаб шомил шудан доранд.**

**Волидони бачаҳои синни мактабӣ уҳдадоранд, ки онҳоро ба мактаб диҳанд.**

Барои шомил шудан ба кӯдакистон ё синфи якуми мактаб ба многофункциональный центр (МФЦ)-и ҷойи қайд муроҷиат кардан лозим аст.

Агар дар кӯдакистон ҷойи холӣ набошад, кӯдакро ба навбат мемонанд.

**Агар волидон ба мактаб муроҷиат карда, ҷавоби рад гиранд, ба шуъбаи маорифи ноҳия (РОНО) муроҷиат кардан лозим аст, ки вазифадор аст дар яке аз мактабҳои ноҳия ҷой ёбад.** Суроғаи шуъбаҳои маорифро аз интернет ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ пайдо кардан мумкин аст.

Дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми ба мактаб қабул кардан кӯдак бояд аз суҳбати муаллимон гузарад, то дар кадом синф таҳсил кардани ӯро муайян кунанд. Агар бо сабаби ба сатҳи зарурӣ надонистани забони русӣ муаллимон пешниҳод кунанд, ки кӯдак як синф поёнтар хонад, боке нест.

**Ҳуҷҷатҳо барои кӯдакистон ва мактаб (аслҳо ва нусхаҳо):**
- шиносномаи фарзанд ва шиносномаи яке аз волидон;
- шаҳодатномаи таваллуди фарзанд;
- корти муҳоҷирати фарзанд ва яке аз волидон;
- маълумотнома дар бораи ба қайди муҳоҷират гузоштани фарзанд ва яке аз волидони ӯ (дар он ноҳияе, ки фарзанд ба мактаб ё кӯдакистон меравад);
- корти тиббие, ки фарзанд дорад;
- маълумотномаи тиббии 026 ва сертификати эмкунӣ (дар клиникаҳои тиббӣ бачагон бо пул дода мешавад);
- парвандаи шахсии фарзанд аз мактаби пешинааш (агар пештар таҳсил карда бошад).

Маъмулан инчунин тасдиқи нотариалии ҳуҷҷатҳо ба забони русӣ, баъзан полиси тиббии фарзанд талаб карда мешавад.

Агар яке аз волидон шаҳрванди ЕАЭС ва дорои шартномаи меҳнатӣ бошад, қайди фарзандро бо ин асос ба муҳлати амали шартномаи меҳнатӣ дароз кардан мумкин аст.

# РОБИТАҲОИ МУФИД

Агар дар масъалаи қабули фарзандон ба мактаб мушкилот пеш ояд, ба ин ҷо муроҷиат кунед **Комитет или Департамент по образованию**:

**Москва:** https://www.mos.ru/feedback/reception/

**Московская область:** 8 (498) 6021027